## МАВЗӮИ АСОСӢ:

# ҶАЛАСАИ ДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ



19 октябри соли 2012, дар шаҳри Душанбе, тахти раёсати Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи дахуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.

Қабл аз оғози ҷаласа Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аъзои нави Шӯро аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ: Саймудинов Музаффар - Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Кафолат» ва Рустамов Бахром – Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти махдуди «К.Даврон»-ро ба ҳозирин муаррифӣ намуд.

Ба рӯзномаи ҷаласаи Шӯро чор масъала пешниҳод шуданд.

Якум. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.

Дуюм. Муаррифии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав.

Сеюм. Ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд.

Чорум. Пешниҳоди масъалаи лоиҳаи рӯзномаи кории ҷаласаи ёздаҳуми Шӯрои машваратӣ.

Дар ҷаласа гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлаталӣ Саидов оид ба натиҷаҳои мониторинги ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ шунида шуд. Бояд тазаккур дод, ки қарорҳои



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: www.investmentcouncil.tj



қабулнамудаи ҷаласаи гузаштаи Шӯро ба ислоҳоти низоми андоз, аз ҷумла таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав, соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва савдои наздисарҳадӣ ва тақвият бахшидани иқтидори касбии соҳибкорон равона шуда буданд. Қарорҳои қабулгардида аз ҷониби масъулин ва вазорату идораҳои мутасадӣ дар маҷмӯъ иҷро гардида, корҳои муайяне анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, аз ҷониби Комиссияи давлатӣ лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав таҳия гардида, дар ҷаласаи гузаштаи Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд. Айни замон, лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав қабул гардида, татбиқи он аз соли 2013 оғоз мегардад.



Инчунин бо мақсади иҷрои қарори ҷаласаҳои қаблии Шӯро лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" таҳия ва аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ қабул гардид. Вобаста ба татбиқи босамари қонуни мазкур лоиҳаи нақша-чорабиниҳо таҳия гардида, ба ҷаласаи Шӯро пешниҳод карда шуд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website:** www.investmentcouncil.tj



Вобаста ба ин, Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки бо қабул гардидани қонуни мазкур сатҳи ҳамкориҳои созандаи давлат ва бахши хусусӣ ба дараҷаи сифатан нав бароварда шуда, лоиҳаҳои иқтисодии ҳаётан муҳим дар ин доира бо ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ бомаром татбиқ хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҷиҳати татбиқи қонуни номбурда тибқи нақша-чорабиниҳои таҳиягардида чораҳои муассир андешанд. Бо вуҷуди пешравиҳо дар самти иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро, то ҳол баъзе бандҳои алоҳидаи қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ба таври зарурӣ татбиқ карда нашудаанд. Аз ҷумла, ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди роҳбарони вилоятҳо ва ш. Душанбе, татбиқи ҳамаҷонибаи муқарароти қонунгузорӣ вобаста ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва таъмини фаъолияти мӯътадили онҳо, татбиқи пурраи «Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2011-2012» ва «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» то ҳол беҳбудиро тақозо дошта, мақомоти давлатии дахлдор ва шарикони рушд ҷиҳати ҳалли ин мушкилиҳо бояд масъулияту фаъолнокии бештар зоҳир намоянд.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро ба Котиби масъули Шӯро ва Роҳбари Котибот супориш дода шуд, ки ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро таҳти назорати доимӣ гирифта шуда, натиҷагирии он дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯро давом дода шавад.

Аз рӯи масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа ҳамчунин ҳисоботи аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ, Роҳбари Иттифоқи ассотсиатсияҳои соҳибкории вилояти Суғд Маъсуда Тюряева вобаста ба нақши бахши хусусӣ дар татбиқи қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ шунида шуд.

Оид ба масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа баромади иҷрокунандаи вазифаи Роҳбари Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе – Миралӣ Қодиров шунида шуд, ки ӯ дар баромадаш оид ба таҳияи лоиҳаи


Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: www.investmentcouncil.tj

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» ахборот дод.




Вобаста ба масъалаи мазкур Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро иброз доштанд, ки солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти коҳиш додани шумораи санҷишҳои фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ислоҳоти ҷиддӣ доир шудааст.

Вале, тадбирҳои андешидашуда кифоя нестанд ва зарур аст, ки ҷиҳати идомаи ислоҳоти соҳа корҳои зиёде анҷом дода шаванд, зеро то ҳол санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла барои соҳибкорон мураккаб ва гарон боқӣ мондааст.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Президенти мамлакат таъкид гардид, ки дар лоиҳаи қонуни зикргардида як қатор ҷанбаҳои дигар, аз ҷумла мӯҳлати огоҳӣ оид ба гузаронидани санҷиш, давомнокии он, кам кардани шумораи мақомоти санҷишӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои муосири санҷиш, ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бояд ба инобат гирифта шавад.

Итминон карда шуд, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав барои ба низом даровардани санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ, беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ таконе хоҳад бахшид.

Вобаста ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида, аз ҷумла татбиқи қарорҳои қабулнамудаи Шӯро ва ҷараёни таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ" намояндагони шарикони рушд Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд Улф Ҳиндстром ва Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Штефан Эрбер баромад намуданд. Аз ҷумла, қайд карда шуд, ки шарикони рушди Тоҷикистон қарорҳои Шӯрои машваратиро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дастгирӣ намуда, минбаъд низ кӯмакҳои худро дар ин самт идома хоҳанд дод.

Қобили зикр аст, ки имрӯзҳо муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ низ рушду тавсеа ёфта, айни замон дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва ноҳияи


Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: www.investmentcouncil.tj

Фархор шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шудаанд. Ҷараёни таъсиси чунин Шӯро дар водии Рашт идома дорад.

Дар ин замина, оид ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласаи Шӯро, Раиси Шӯрои минтақавии вилояти Суғд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ Қоҳир Расулзода вобаста ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ва вазъи феълии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоят баромад намуд.

Ахборот дода шуд, ки имрӯзҳо вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда истодааст. Аз ҷумла, танҳо дар соли 2011 дар қаламрави вилоят аз ҷониби бахши хусусӣ 65 корхонаи нави саноатӣ бо наздики 2 ҳазор ҷойи корӣ ба кор даровarda шуд ва 100 корхонаи дигар соли равон бо наздики 6 ҳазор ҷойи нави корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳанд гирифт. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди истифодаи соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондааст.




Вобаста ба масъалаи охирон ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ, аз ҷониби Котиби масъули Шӯро Давлаталӣ Саидов масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ пешниҳод гардид, ки он ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт. Ҳамзамон қайд гардид, ки солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди бахши сайёҳӣ корҳои зиёде амалӣ карда шудаанд. Як қатор қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки барои рушди соҳа такони ҷиддӣ бахшиданд. Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда вазъи ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ ва рушди бахши сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ беҳбудиҳои куллиро тақозо менамояд.

Дар ин радиф, таъкид гардид, ки идомаи ислоҳот дар самти боз ҳам мусоид намудани шароит барои ҷалби сайёҳон, беҳтар намудани инфрасохтори рушди бахши сайёҳӣ ва мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии он, соддатар намудани тартиби бақайдгирии сайёҳон, таъсиси ширкатҳои миллии муосири сайёҳӣ ва дар ин замина баланд бардоштани рақобатпазирии бахши сайёҳӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ зарур шуморида мешавад.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website:** www.investmentcouncil.tj

Дар хотимаи ҷаласа суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуда, ба масъулин ва вазорату идораҳо вобаста ба ҳар як масъалаи дар ҷаласа баррасигардида, дастуру супоришҳои дахлдор дода шуд.

Протоколи ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратӣ баъди тасдиқ гардиданаш ба аъзои Шӯро ва шарикони дахлдор пешниҳод мегардад.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: www.investmentcouncil.tj

***Хонандагони мӯҳтарам!***
***Агар ягон таклифу пешниҳодот барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро ё умуман фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дошта бошед, метавонед тавассути суроғаи электронии secretariat@investmentcouncil.tj ба Котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоед.***
***Инчунин метавонед маводҳои ҷолибро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ирсол намоед, ки дар яке аз нашрҳои Варақаи иттилоотии Котибот ҷой дода мешаванд.***

***Бо эҳтиром,***
***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид***
***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев – Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов – мушовири иқтисодӣ***
***Елена Ишанкулова – мушовири ҳуқуқӣ***
***Азиза Мавлонова - мушовири ҳуқуқӣ***
***Умедҷон Умаров - мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова – ёвари Роҳбари Котибот***



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website:** www.investmentcouncil.tj